# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.– Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 191 с.**

Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар ҳама давру замон таваҷҷуҳи олимон ва пажуҳишгаронро ба худ ҷалб кардааст. Ин аст, ки таҳлилу баррасии истилоҳ, истилоҳшиносӣ ва василаҳои мухталифи истилоҳсозӣ дар забонҳои гуногуни дунё, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои рӯзмарра ва муҳим мебошад. Дар ин бахш то ба имрӯз таҳқиқоти зиёде анҷом шуда бошад ҳам, ҷанбаҳои сохториву маъноии истилоҳоти тиббӣ дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик то ҳанӯз ба таври возеҳу мушаххас таҳқиқ нагардидааст. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии истилоҳоти тиббӣ дар матбуот, ки оинаи инъикосгари равандҳои таҳаввулу такомули забон ба ҳисоб меравад, мубрам мебошад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ қабатҳои гуногуни калимоти соҳавӣ мавҷуданд, ки аз даврони куҳан то кунун барои такаллум хидмат мекунанд. Яке аз қабатҳои луғавии бисёр муҳим, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқону донишмандон, бахусус, луғатнигоронро ба худ ҷалб намудааст, калимаю истилоҳоти тиббӣ ба шумор меравад. Дар нигаҳдории ин қабати луғавӣ осори лексикографӣ мақом ва ҷойгоҳи хоссае дошта бошад ҳам, дар замони муосир воситаҳои ахбори омма ва бахусус маҷаллаю рӯзномаю ҳафтаномаҳои соҳавӣ ва ғайрисоҳавӣ дар мунъакис ва оммавӣ кардани калимаю истилоҳоти тиббӣ нақши калон доранд. Мақолаҳое, ки дар ин матбуот ба нашр мерасанд, барои шарҳу тафсири бемориҳо, роҳу воситаҳои табобат, доруҳо ва дигар масоили марбут ба тибро фаро мегиранд, ки дар забонзад шудани онҳо дар байни одамон мусоидат мекунанд. Таҳқиқи лингвистии ин гуна истилоҳот аз масоили мубрами илмиест, ки то имрӯз пажуҳиш нагардида аст. Ба ин кори муҳим ва самарабахш унвонҷӯ Шодиматова Малика Каримбердиевна камари ҳиммат баста дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» рисолаи илмӣ пешниҳод кардааст, ки ба самти забоншиносӣ, ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01.– Забони тоҷикӣ, комилан, мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар забоншиносии тоҷик перомуни калимаю истилоҳоти тиббӣ ва, умуман, истилоҳшиносӣ корҳои мондагори назарраси зиёде ба вуҷуд омадааст. Дар ин самт асарҳои донишмандоне мисли Н. Маъсумӣ, М. Шукурӣ, Ҳ. Зоҳидов, С. Сулаймонов, Д. Саймиддинов, Д. Хоҷаев, Ф. Шарифзода, П. Ҷамшедов, Ж. Гулназарзода, Б. Камолиддинов, М. Н. Қосимова, С. Назарзода, М. Ҳ. Султон, А. И. Юсупов, П. Г. Нуров, А. Байзоев, Т. Шокиров ва дигарон бисёр муҳим ба шумор мераванд, зеро дар баробари муайян сохтани фарқи вожа ва истилоҳ доир ба истилоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёт, ки дар ташаккули таркиби луғавии забон мусоидат мекунанд, таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, ки барои муҳаққиқони баъди манбаи бузурги илмӣ-назарӣ ба шумор мераванд. Дар баробари ин метавон гуфт, ки осори ин донишмандон гувоҳи он аст, ки ҳамаи масоили марбут ба қабатҳои луғати соҳавӣ мавриди баррасии илмӣ қарор нагирифтаанд. Ин аст, ки ҷалби мутахассисон ба таҳқиқи ин масъала боиси рӯйи кор омадан ва оммавӣ шудани калимаю истилоҳоти гуногун хоҳад шуд. Яке аз қабатҳои луғавие, ки паҳлуҳои гуногуни таҳқиқ дорад, калимаю истилоҳоти тиббӣ ба шумор меравад.

Пешкаши аҳли илм кардан ва ба ҳимоя манзур намудани диссертатсия аз ҷониби Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» гувоҳи маънии боло ва шаҳодати мубрам будани мавзуи пажуҳиш мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқи диссертатсионии масоили марбут ба калимаю истилоҳоти қабатҳои луғавӣ аз масъалаҳои муҳимми илмиест, короии онҳо дар замони муосир афзун аст. Махсусан, баррасии воҳидҳои луғавии марбут ба тиб, ки дар замони муосир тамоюли рӯзафзун доранд ва барои ҳалли ниёзҳои ҷомеа ниҳоят зарур буда, дар асару мақолаҳои тиббию ғайритиббӣ ва матбуот фаровон истифода мешаванд, яке аз масоили мубрами илмӣ буда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳо дар асоси маводи матбуот зарур аст, ки ин кори пурмасъулиятро унвонҷӯй Шодиматова Малика Каримбердиевна ба зимма гирифтааст. Бо ин метавон гуфт, ки дар асоси маводи матбуот бори нахуст бо диди нав таҳқиқ кардани калимаю истилоҳоти тиббӣ кори сифатан нави таҳқиқӣ ба шумор меравад. Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҷолиб буда,

диссертант муҳимтарин масоили дар кор матраҳ намудаашро пешниҳод кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои таҳқиқ бо он эътимоднок ба шумор меравант, ки дар асоси назарияи мавҷудаи марбут ба истилоҳшиносӣ маводи забонии мансуб ба тибро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Такяи муҳаққиқ ба осори илмии донишмандони сершумори ватанию хориҷӣ ва мубодилаи афкори назарӣ бо онҳо эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсиониро мустаҳкамтар мегардонад. Дар радифи ин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ба он собит мегардад, ки маълумоти пешниҳодшуда дақиқ буда, маводи таҳлилшуда ба кори илмӣ муносиб аст. Ҳаҷми интишорот, истифодаи дурусти усулҳои таҳқиқ ва хулосаҳои мантиқӣ эътимоднокии корро меафзояд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқик ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 191 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда масъалаҳои мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмию нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби **якуми** диссертатсия «**Таснифоти луғавӣ-маъноии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот**» ном дошта, аз 8 фасл иборат аст, ки ҳар кадом ба таҳқиқи истилоҳоти бахшҳои гуногуни тиббӣ мансуб аст. Диққати муаллифро истилоҳоти ифодакунандаи ихтисосҳои тиббӣ, номи бемориҳо, истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои ташхису табобат, калимаю истилоҳоти мансуб ба аломатҳои клиникӣ ва пешгирии бемориҳо, навъҳои дору, номи асбобу таҷҳизоти тиббӣ, фарматсевтӣ, номи муассисаҳои тиббию табобатӣ, ки дар забонамон мавҷуд буда, дар саҳифаҳои матбуот истифода мешаванд, ҷалб кардааст. Зимни таҳқиқ бо истифода аз луғатномаҳои «Фарҳанги тиббӣ»-и М.Я. Расулов (дар чор чилд, 1973-1986), «Вожаномаи тиббӣ» (Қурбон, У.А., 2014), «Фарҳанги тибби ниёгон» (У. А. Қурбонов, 2016), «Луғати истилоҳоти акушерӣ-гинекологӣ» (русӣ-тоҷикӣ-лотинӣ) (Додхоева

М. Ф., Расулӣ М. Я.), «Энциклопедический словарь медицинских терминов» (1982-1984), «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969), «Вожаномаи тиббӣ» [2014], «Энсиклопедияи мухтасари тиб» [2011] ва ғайра истифода карда, маънои луғавии истилоҳот ва мавқеи корбурди онҳо дар тиб таҳқиқ мегардад. Ҳамчунин, истифодаи калимаҳо дар асарҳои олимону табибони гузашта, аз ҷумла, «Хидоят-ул-мутааллимин фит-тиб», «Донишнома»-и и Майсарӣ, «Захираи Хоразмшоҳӣ», «Тибби Юсуфӣ», «Канзи шифо»-и Ҳомидҷон Зоҳидов, «Ҳақоиқ-ул-адвия» ё «Гиёҳнома»-и Абумансури Муваффақ, ки аз қадимӣ будани илми тоҷик гувоҳӣ медиҳанд, дар шарҳу тафсири истилоҳот истифода шудааст. Дар ин замина мансубияти забонии қисме аз истилоҳот ва ба номи кадом олим мансуб будани ихтирои ин ё он калима ё навъи таҳқиқи тиббӣ низ нишон дода мешавад, ки аз ҷустуҷӯҳои густурдаи муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ»** унвон дошта, дар он калимаю истилоҳоти тиббӣ аз рӯйи бaромади забониашон таҳқиқ мегардад. Бо мақсади ҳалли масъала маводи ин бобро ба ду фасл тақсим карда, дар фасли аввал истилоҳоти тиббии аслӣ (тоҷикӣ) ва дар фасли дуюм истилоҳоти иқтибосӣ баррасӣ шудааст, фасли охирӣ боз ба истилоҳоти тиббии иқтибосии арабӣ, русию аврупоӣ ва туркӣ-узбекӣ дар забони матбуот гурӯҳбандию таҳқиқ шудааст. Унвонҷӯй бо такя ба осори донишмандоне чун М. Қосимова, М. Шукуров, Д. Саймиддинов, С. Назарзода, П. Нуров, М. Ҳ. Султон, А. И. Юсуфов, Ш. Ҳаитова, Қ. Тӯраҳасанов, Т. А. Назаров ва дигарон барҳақ рӯйи ин ақида аст, ки «забони тоҷикӣ дар гузашта забони пурқудрати илмӣ буд, имрӯз ҳам метавонад ифодагари истилоҳоти илмии тоҷикӣ, бахусус ифодагари истилоҳоти тиббӣ бошад» (Диссертатсия, саҳ 102). Дар ҳақиқат истилоҳоти тиббии тоҷикӣ дар осори қадимии миллати тоҷик чун «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, «Донишнома»-и Ҳаким Майсарӣ, «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Исмоили Ҷурҷонӣ ва дигарон нуҳуфтаанд ва аз онҳо имрӯз ҳам метавон ҳамчун манбаи муътамад истифода кард.

Дар **фасли аввали** ин боб истилоҳоти тиббии тоҷикӣ ба гурӯҳҳои номи бемориҳо (**сӯхтагӣ, сурхча, сурхакон, хоришак, обила, озах ва ғ.**), аломатҳои беморӣ ва ҳолатҳои ғайритабиии инсон (**хунравӣ, беҳушӣ, дилбеҳузурӣ, беҳолӣ, сӯзиши чашмон вағ.**), воситаҳои пешгирӣ ва табобати бемориҳо – **парҳез, гиёҳшифоӣ, сӯзандармонӣ, обутобдиҳӣ, бистаригардонӣ ғ.**), истилоҳоти дорушиносӣ, яъне номгӯйи гиёҳу

растаниҳо, ғизоҳо ва анвои гуногун (**пудина, шибит, ҷаъфарӣ, сиёҳдона, хуч, зардолу ва ғ.)** гурӯҳбандӣ карда, мавриди баррасии илмӣ карор додааст.

**Фасли дуюм** ба таҳқиқи истилоҳоти иқтибосӣ бахшида шудааст. Маълум аст, ки ба забони тоҷикӣ дар замонҳои гуногун аз забонҳои юнонӣ, лотинӣ, ҳиндӣ, чинӣ, арабӣ ,ва русию аврупоӣ ворд шудаанд. Муаллифи рисола бо истифода аз осори ба иқтибосот бахшидашуда сабаб ва омилҳои воридшавии вомвожаҳоро ба таври мухтасар шарҳ дода, аввал **калимаҳои иқтибосии арабӣ** (мисли – набз, балғам, зуком, ташхис, сироят, таҳлил, **табобат, мариз, амроз, мараз, марҳам, миҷоз, тиб, табиб, зикуннафас, зотулҷанб ва** ғ.) баъд аз он **истилоҳоти иқтибосии русӣ-аврупоӣ,** ки дар матбуот ба назар расидаанд шарҳу тавзеҳ шудааст. Диққати унвонҷӯйро калимаҳои **донор, эпидемия, пандемия, вирус, витамин,** ҷалб кардааст. Ҳар калима дар алоҳидагӣ шарҳу тавзеҳ ёфта, таърихи баромад ва ҷойи истифодаи он нишон дода мешавад.

Дар идомаи ин фасл **истилоҳоти иқтибосии туркӣ-узбекӣ** таҳлилу баррасӣ шудаад. Маълум мегардад, ки дар матбуоти тоҷик калимаҳои узбекии **эм, кумак, тимоғ** (тимоқ, насморк) истифода мешудааст.

Бо ҳамин метавон гуфт, ки дар **боби дуюм** пурра ба ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва таҳқиқу муайян сохтани ҷойгоҳи калимаҳои иқтибосӣ дар матбуоти тоҷик бахшида шуда, серистеъмолӣ, муродифоти калимаҳо, аз калимаҳои иқтибосӣ сохтани калимаҳои нав муайян мегардад.

Боби **сеюми** рисола **«Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот»** унвон гирифта, аз 6 фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо перомуни сохташавии истилоҳоти тиббӣ дар матбуот таҳқиқ анҷом гирифта, ҷойгоҳи калимаҳои сода, сохта, мураккаб, ибора-истилоҳот ва ихтисораҳо муайян карда шудааст.

Дар ин боб мавқеи калимасозӣ дар ташаккул ва мукаммал шудани таркиби луғавии забон зикр гардида, андешаҳои донишмандон дар ин самт ёдовар шуда, роҳҳои калимасозии забон оварда мешаванд, ки истилоҳоти тиббӣ низ дар асоси онҳо ба вуҷуд омадаанд. Муаллиф маводи гирдовардаашро аз рӯйи сохт гурӯҳбандӣ ва таҳлил кардааст. Ба **истилоҳоти сода** калимаҳои **бемор, пизишк, даво, дору, дармон, хаб (курс), озор, вараҷа, таб, ҳарорат, озах, парҳез, табиб, духтур, зуком, сил, марҳам, таҳлил, муоина, шикоят, набз, стресс, шок, кома, сепсис, карантин, фелдшер, уролог, флеболог, андролог, маммолог, дефектолог,**

**лапароскоп, эндоскопия, доплерография, ангиография, колпоскопия** ва амсоли инҳо марбутанд.

Зимни баррасии **истилоҳоти сохта** номи донишмандони зиёде оварда мешавад, ки дар таҳқиқ чун манбаи назарӣ хизмат кардаанд. Зимни таҳқиқ диссертант муайян кардааст, ки дар сохтани истилоҳоти сохтаи соҳаи тиб пешвандҳои сермаҳсул: **но-, бе-** ва пешвандҳои каммаҳсул **бо-, ба-, ҳам-, сар-** мебошанд. Ҳар пешванд дар алоҳидагӣ таҳқиқ гардида, моҳияти истилоҳсозии он муайян шудааст. Аз таҳқиқи маълум мешавад, ки дар баробари пешвандҳо дар сохтани истилоҳоти тиббӣ пасвандҳои **-ӣ, -гӣ, -нок, -гар, -гоҳ, -иш, -ча, -ак, -а** калимаҳои зиёде сохтаанд. Усули дар алоҳидагӣ таҳлил кардани ҳар пасванд риоя шудааст.

Дар фасли баъдии таҳқиқ **калимаҳои мураккаби тиббӣ** дар забони матбуот мавриди баррасӣ қарор мегирад. Таҳқиқи калимаҳои мураккаб аз рӯйи мансубият ба ихтисосҳои тиббӣ сурат гирифтааст. Аз ҷумла, **Истилоҳоти мураккаби ифодакунандаи номи ихтисосҳои тиббӣ**: парҳез+шинос (диетолог), микроб+шинос, сироят+шинос, вирус+шинос (вирусолог), сил+шинос (фтизиатр), кӯдак+пизишк (педиатр) ва ғ.; **Истилоҳоти мураккаби ифодакунандаи номҳои лавозимоти тиббӣ:** сӯзан+дору, ҳарорат+санҷ, фишор+санҷ ва ғ.

Дар таҳқиқи унвонҷӯй калимаҳои **бахш, зидди, анти, ғайри, сар, фито** ва пасванди **-ӣ** ва варианти он **-гӣ** зимни сохтани калимаҳои мураккаби марбути тибб нақши калон доранд, ки мисолҳои дар диссертатсия овардашуда гувоҳи ҳамин маънӣ мебошанд.

**Ибора-истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот** дар фасли 4-уми боби сеюм таҳқиқ гардидааст. Ин гуна истилоҳот аз рӯйи таркиби морфологӣ ба қолибҳои исму исм, исму сифат, исму шумора ва ё исм+шумора+исм гурӯҳбандӣ шудаанд. Ҳамчунин, дар сохтани ибора-истилоҳотибораҳои пешояндӣ муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар ин самт пешояндҳои ба, аз, бо, дар истифода гардидаанд.

**Дар фасли 3.5. ихтисораҳои тиббӣ** дар забони матбуот баррасӣ мегардад. Ихтисораҳо ба чунин гурӯҳҳо ҷудо шудаанд:

1. **Ихтисораҳое, ки ҳамаи ҷузъҳои он аз калимаҳои тоҷикӣ иборатанд**: БҚ – бемории қанд, БСС – бемории санги сафро, ДЗС – доруҳои зиддисилӣ, БГГБ – бемориҳои гӯшу гулӯ ва бинӣ.

2. **Ихтисораҳое, ки аз калимаҳои тоҷикӣ ва ҷузъҳои иқтибосӣ, яъне калимаҳои арабӣ ё русӣ-байналмилалӣ иборатанд:** ВТ ҲИА ҶТ –

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ТУТ – Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, МСР (Маркази саломатии репродуктивӣ), БКШ (Беморхонаи клиникии шаҳрӣ) ва ғ.

**Фасли 3.6. «Баъзе андешаҳо доир ба нуқсонҳои забони матбуот»** номгузорӣ шуда, мулоҳизаҳои унвонҷӯй доир ба истифодаи дурусти истилоҳот пешниҳод гардидааст.

Хулосаи диссертатсияи **Шодиматова Малика Каримбердиевна** дар 16 банд оварда шуда, муҳимтарин андешаҳои муаллиф ва дар бахши **тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ** дар 8 тавсияи муаллиф оварда шудааст. Рӯйхати адабиёт номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба 266 адад мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назарии кори диссертатсионии Шодиматова Малика Каримбердиевна дар он аст, ки диссертант калимаю истилоҳоте таҳлилу баррасӣ кардааст, ки барои солимии ҷомеа муфид мебошанд. Унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ умдатарин масоили назарии марбут ба вожагони тиббиро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Матолиби назарии дар кори таҳқиқӣ бознигаришуда барои баррасиҳои минбаъдаи ҷанбаҳои забонии истилоҳоти тиббӣ мусоидат карда метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаи корро метавон дар таҳияи дастурҳои таълимию китобҳои дарсӣ, баргузор намудани курс ва семинари назарию амалӣ аз фанни истилоҳшиносӣ истифода кард. Вижагиҳои назарии диссертатсияро забоншиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони соҳа истифода карда метавонанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар

маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳои илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудию нуқсон ба мушоҳида расиданд, ки бо мақсади ислоҳи онҳо дар корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро ба манфиати кор медонем:

1. Дар диссертатсия калимаи синоним 12 бор, лексика 26 маротиба, семантика 7 бор, принсип 6 бор истифода шудааст. Ҳеҷ мушкиле нест, ки онҳоро ба калимаҳои муродиф, вожагон, маънӣ ва усул иваз мекарданд.

2. Дар фасли мубрамии мавзуи таҳқиқ навишта мешавад, ки «маводи ВАО дар забоншиносии тоҷик ба омӯзиши дақиқ ва таҳқиқоти **монографӣ** ниёз дорад» (дисс. саҳ. 6). Ин ҷо на монографӣ, балки диссертатсионӣ навиштан лозим буд.

3. Боби якуми рисола «Таснифоти луғавӣ-маъноии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот» ном дорад. Ба назари мо бояд «Таснифот ва таҳқиқи луғавӣ-маъноии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот» номгузорӣ мешуд, зеро на танҳо таснифот, балки таҳқиқ низ ҳаст.

4. Истилоҳоти иқтибосии арабӣ дар фасли таҳқиқи калимаҳои иқтибосӣ аз ҷиҳати сохт баррасӣ мешаванд (саҳифаи 115, диссертатсия). Айнан ҳамин ҳолат такроран дар саҳифаи 122 диссертатсия дида мешавад. Ин ҳолат ва такрори дубораи он зарурат надорад, зеро боби алоҳида ба масъалаи калимасозӣ бахшида шудааст.

5. Зимни таҳқиқи калимасозии истилоҳоти тиббӣ аз саҳифаҳои матбуот мисолҳо дар шакли ҷумла оварда намешавад ва маълум нест, ки истилоҳоти таҳлилшуда дар саҳифаҳои кадом матбуот истифода шудаанд,. Ин ҳолат зимни таҳқиқи **калимаҳои сода** (саҳ.139 дисс.), **истилоҳоти сохта** (саҳ.140 - 145 дисс.) ба назар мерасад.

6. Зимни баррасии калимасозӣ тибқи анъана мебоист қолибҳои морфологии калимаҳо нишон дода мешуданд, ки ин ҳам дар кор ба назар нарасид.

7. Дар саҳифаҳои 8, 45, 52, 58, 90, 91, 99, 104, 119, 151, 155 -и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба ҳусни кор меафзуд.

Эродҳои зикршуда ислоҳшавандаанд ва қимати илмию амалии кори таҳқиқии Шодиматова Малика Каримбердиевнаро кам намекунанд. Онҳоро метавон зимни таҳия ва нашри монография ба назар гирифт.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**

доктори илмҳои филологӣ,
раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода С.Р.
« 20 » августи соли 2025

Нишонӣ: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон ,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев 84/4, ҳуҷраи 22.
Тел: ;(+992) 919002178.
E-mail: saxidodi@list.ru

«Имзои С.Р. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадр ва корҳои махсуси
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Абдуллоев.
« 20 » августи соли 2025

**Нишонии муассиса**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25,
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: +992 (37) 227 59 38; +992 (37) 227 78 29
Сомонаи муассиса: www.kumitaizabon.tj
E-mail: kumitaizabon@mail.ru